**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

.

**Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.с.2013 №31 тасдиқ карда шудааст**

# Дастурамал

## Дар бораи тарзи пур кардани шакли №4-фонди манзил, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳо (шаҳрҳо) дар шаҳрҳо, шаҳракҳои навъи шаҳри ва маҳалҳои деҳот тартиб дода, на дертар 20 январи соли ҳисобот дар маҳалли ҷой гирифтаашон ба шӯъбаи омори шаҳрӣ, ноҳиявӣ, ба раёсати омор вилоятӣ пешниҳод менамоянд.

Шаҳрвандоне, ки дар асоси қарори тасдиқкардаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои беҳтар намудани шароити манзил дар қайд мебошанду ба онҳо пойхати (корешоки) ордер барои гирифтани масоҳати истиқоматӣ дар асоси қарори кумитаи иҷроия дода шудааст, ҳисоботро тартиб медиҳанд.

2.Ба ҳисобот дар асоси кайди рӯйхат ҳамчунин корхона, ташкилот ва муассисаҳои вазорату идораҳо, ташкилотҳои ҷамъияти ва кооперативӣ ва хоҷагиҳои манзилию коммуналӣ барои пешниҳоди масоҳати манзил ҳамроҳ карда мешаванд:

- ба хонаҳои истиқоматӣ-навсохтмонҳо:
- ба хонаҳое, ки дар баҳрабардорӣ қарор доранду масоҳати истиқоматӣ аз сабаби ба сафар баромадан ё дигар сабабҳо холӣ шудаанд;
- дар хонаҳое, ки дар натиҷаи таъмири асосӣ аз нав таҷҳизонида шудаанд ва афзудаанд, инчунин дар хонаҳое, ки биноҳои ғайриистиқоматӣ таҷҳизонида шудаанд ва дигар масоҳати истиқоматии воридшуда.

2.2. Дар бораи шумораи оилаҳое, ки ба онҳо масоҳати истиқоматӣ пешниҳод карда шудааст, ба онҳое, ки чӣ дар рӯйхати эҳтиёҷманди барои беҳтар намудани шароити манзил қарор доранд ва чӣ дар рӯйхат нестанд.

2.3. Дар бораи миқдори масоҳати истиқоматӣ, ки истиқоматкунандаҳо ҷойгир карда шудаанд ё барои ҷойгиркунӣ банд мебошанд.

3. Дар фасли 1 «Миқдори масоҳати ҷойгир кардашуда дар соли ҳисобот» дар бораи масоҳати истиқоматии барои ҷойгиркунӣ, чӣ ба оилаҳое, ки дар қайд мебошанд, ва чӣ ба оилаҳое, ки масоҳати истиқоматӣ гирифтаанду аммо дар қайд намебошанд, маълумотҳо оварда мешаванд.

Масоҳате, ки оилаҳо ҷойгир карда шудаанду мувофиқи тартиботи муқаррар кардашуда Кумитаи иҷроия ба онҳо ордер дода бошад, дар он сурат ин масоҳат масоҳати ишғолшуда ҳисобида мешавад.

3.1. Дар сутуни «Ҳамагӣ» дар бораи миқдори масоҳати оилаҳои ҷойгир кардашуда, ки чи дар қайд мебошанд, ва чӣ дар қайд қарор доранд, аз ҷумла

оилаҳое, ки манзилро аз кооперативҳои манзилию сохтмонӣ грифтаанд, маълумотҳо нишон дода мешаванд.

3.2. Дар сутунҳои 2 ва 3 масоҳати ба оилаҳо пешниҳодшуда, ки дар қайди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, дар корхонаҳо, ташкилотҳои вазорату идораҳо ва кооперативҳои манзилию сохтмонӣ қарор доранд, нишон дода мешаванд.

3.3. Дар сатри 01 дар бораи ҳамаи масоҳати ҷойгир кардашуда, дар сатри 02 дар хонаҳои нав сохташуда маълумотҳо оварда мешаванд. Фарқияти байни маълумотҳои мазкур аз рӯи сатрҳои 01 ва 02 фасли 1 миқдори масоҳати истиқоматӣ, ки аз сабаби баромада рафтани шаҳрванд озод шудааст ва аз нав тақсимшударо ташкил медиҳад.

3.4. Дар сатрҳои 03-09 аз ҳамаи масоҳати истиқоматӣ масоҳати ба оилаҳо аз рӯи категорияҳои рӯйхати қайд тақсим кардашуда нишон дода мешавад:

- оилаҳои маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, хизматчиёни ҳарбӣ фавтида ва ба онҳо баробар кардашуда;
- оилаҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ
- оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ, ки дар Афғонистон вазифаи интернатционалиро иҷро кардаанд;
- оилаҳои серфарзанд;
- оилаҳои ҷавон;
- оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ, ки бо эҳтиёт ҷавоб шудаанд ё аз вазифаи ҳарбӣ ба нафақа рафтанд;
- оилаҳои иштирокчиёни корҳои наҷотдиҳии Истгоҳи атомии барқии Чернобил.

4. Дар фасли 2 «Шумораи оилаҳое, ки манзилро қабул карда шароити манзили худро беҳтар кардаанд», маълумотҳо оварда мешаванд;

4.1. Дар сутуни 1-3 дар бораи шумораи оилаҳо чӣ манзил гирифтаҳо ва чӣ шароити манзилашонро беҳтар кардаҳо аз ҳисоби кӯчидани шаҳрвандони алоҳида ба масоҳати ишғолкарда маълумотҳо нишон дода мешаванд.

4.2. Дар сатрҳои 02-08 дар бораи шумораи оилаҳои масоҳати манзил гирифтаҳо ва шароити манзилашонро беҳтар карда аз рӯи категорияҳо қайд (нигаред ба банди 3,4) маълумотҳо нишон дода мешаванд.

4.3. Дар сутунҳои 1-3 фасли «Миқдори аъзоёни оилаҳо» дар бораи шумораи шахсоне, ки масоҳати манзил гирифтаанд ё шароти манзилашонро беҳтар кардаанд аз ҳисоби кӯчидан аз масоҳати ишғолкардаашон маълумотҳо навишта мешаванд.

Маълумотҳо дар бораи шумораи аъзоёни оилаҳо мувофиқи сабти ордер нишон дода мешаванд.

4.4. Дар сатрҳои 09-16 оид ба миқдори аъзоёни оилаҳо аз рӯи категорияи қайд (ниг. бо банди 3,4) маълумотҳои дахлдор оварда мешаванд.

5. Дар фасли 3 «Шумораи оилаҳое, ки барои дарёфт кардани масоҳати манзил дар қайд мебошанд».

5.1. Дар сутунҳои 1-3 оид ба оилаҳое, ки дар давоми сол ба қайд гирифта шуданд, маълумотҳо оварда мешаванд.

5.2. Шумораи оилаҳое, ки дар қайд қарор доранд:

- дар сутуни 1 ҳамаи маълумотҳо аз рӯи рӯйхати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва аз рӯи рӯйхатикорхонаю ташкилотҳо ва муассисаҳои вазорату идораҳо, ташкилотҳои ҷамъияти ва кооперативӣ (ғайр аз колхозҳо) ва кооперативҳои сохтмонию манзилӣ, ки кумитаҳои иҷроия тасдиқ кардаанд, пур карда мешаванд.

Ба шумораи оилаҳое, ки дар қайд қарор доранд, ҳамчунин оилаҳое, ки дар рӯйхати кумитаи иҷроия, ташкилоту муассисаҳо барои гирифтани масоҳати манзил дар кооперативҳои манзилию бинокорӣ қарор доранд ҳамроҳ карда мешаванд.

Дар сутуни 2 аз он ҷумла шумораи оилаҳое, ки дар кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқӣ ва дар корхонаю муассисаҳои вазорату, идораҳо дар қайд рӯйхати тасдиқкардаи кумитаи иҷроия қарор доранд, ҷудо карда мешаванд. Агар шаҳрвандоне, ки дар қайди кумитаи иҷроия дошта бошанду аъзоёни оилаҳои онҳо баробар дар як вакт дар қайди ҷойи кор низ қарор дошта бошанд, дар он сурат ингуна шахсон бо оилаҳои худ бояд як маротиба танҳо ҳамчун дар навбатбудаҳо сарфи назар аз он ки онҳо бо масоҳати манзил таъминанд ё аз тарафи корхона таъмин карда шудаанд, ба ҳисоб гирифта шаванд.

Агар шахси дар навбатистодаи корхона дар яквақт дар қайд қарор дошта бошад ва ҳамчунин оид ба масоҳати манзил аз ҷои кор ба масоҳати манзил таъмин карда шуда бошад, дар он сурат ингуна шахс ҳамчун дар навбатистода ба ҳисоб гирифта мешавад, нак ҳамчун дар навбатистодаи корхона.

Дар навбатистода, ки дар қайди рӯйхат қарор дорад, дар ҳисобот ҳамчун оила (1 нафар- як оила) нишон дода мешавад.

5.3. Дар сатрҳои 03-09 дар бораи шумораи оилаҳое, ки дар охири сол барои грифтани масоҳати манзил аз рӯи категорияи қайд (ниг. банди 3.4) дар қайд қарор дорад, маълумотҳо нишон дода мешаванд.

5.4. Дар сатри 01 аз сатри 02 фасли 3, ки дар квартираҳои коммуналӣ истиқомат мекунанд, маълумотҳо оварда мешаванд.

5.5. Дар сатри 11 мутобиқан истиқоматкунандаҳои хобгоҳҳо нишон дода мешаванд.

5.6. Дар сатри 12 истиқоматкунандаҳои фонди манзили фарсуда ва садамадида нишон дода мешаванд.

5.7. Дар сатри 13 дар бораи шумораи оилаҳое, ки барои гирифтани манзил 10 сол ва ё бештар дар қайд қарор доранд, маълумотҳо оварда мешаванд.

6. Дар тасдиқнома ба ҳисобот дар бораи дар соли ҳисобот таҳсили масоҳати манзл (боқимондаи масоҳати тақсимнашуда) маълумот оварда мешавад. Масоҳати манзиле, ки тақсим нашудааст, ба масоҳати манзиле, ки қарори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар бораи пешниҳоди масоҳати манзил мавҷуд нест, тааллуқ дорад.